# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ҚАРОР

Дар бораи Тартиб ва шартҳои таъмини имтиёзноки гурӯҳи шахсон бо дору ва молҳои тиббӣ

Мутобиқи моддаҳои 7 ва 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Тартиб ва шартҳои таъмини имтиёзноки гурӯҳи шахсон бо дору ва молҳои тиббӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон
ш. Душанбе,
аз 28 марти соли 2024, № 177

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 марти соли 2024, № 177
тасдиқ шудааст

**Тартиб ва шартҳои таъмини имтиёзноки гурӯҳи шахсон бо дору ва молҳои тиббӣ**

1. Тартиб ва шартҳои таъмини имтиёзноки гурӯҳи шахсон бо дору ва молҳои тиббӣ (минбаъд - **Тартиб**) бо мақсади ба танзим даровардани таъмини имтиёзноки гурӯҳи шахсон бо дору ва молҳои тиббӣ ҳангоми табобати амбулаторӣ дар муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ таҳия гардидааст.

2. Тартиби мазкур самтҳои асосии таъмини имтиёзноки гурӯҳи шахсонро бо дору ва молҳои тиббӣ (намуд, ҳаҷм ва шартҳои он) аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, грантҳо ва кумаки башардӯстона, маблағҳои иловагие, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷудо менамоянд, инчунин манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, муайян менамояд.

3. Ҳангоми таъин ва навиштани дорухат аз тарафи табибон доруҳои ба рӯйхати доруҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, инчунин номгӯйи байналмилалии ғайрипатентӣ (генерикӣ)-и онҳо ба инобат гирифта мешаванд.

4. Таҳвили дору ва молҳои тиббӣ ба гурӯҳҳои имтиёзноки аҳолӣ (замимаи 1) ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи онҳо ба имтиёзҳои иҷтимоӣ мутобиқи замимаи 2 Тартиби мазкур ба роҳ монда мешавад.

5. Гурӯҳҳои шахсоне, ки дар замимаи 1 Тартиби мазкур зикр гардидаанд, дар давоми сол ба андозаи на зиёдтар аз ду

нишондиҳанда барои ҳисобҳо, бо дору ва молҳои тиббӣ таъмин карда мешаванд.

6. Шарти асосии таъмини имтиёзноки гурӯҳи шахсон бо дору ва молҳои тиббӣ таъинот дар бланки дорухати шакли №17-02/у-01 аз тарафи табиби муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарии маҳалли истиқомат мебошад.

7. Таъиноти дору ва молҳои тиббӣ ба гурӯҳҳои имтиёзноки аҳолӣ дар бланки дорухати шакли №17-02/у-01 аз тарафи табибон дар 3 нусха навишта мешавад бемор бошад, бо 2 нусхаи он ба дорухона муроҷиат менамояд.

8. Додани дорухати имтиёзнок ба шахсони дар табобати статсионарӣ қарордошта манъ аст.

9. Дар як бланки дорухати шакли №17-02/у-01 навиштани як номгӯйи дору барои ба таври имтиёзнок гирифтан иҷозат дода мешавад.

10. Дорухатҳои имтиёзнок аз ҷониби табиби муолиҷавӣ танҳо дар асоси хулосаи комиссияи машваратии табибии муассисаи табобатӣ ба таври зерин навишта мешаванд:

- барои моддаҳои психотропӣ, моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок, гормонҳои анаболитикӣ;
- аз ҷониби духтури табобатӣ бе тавсияи духтури мутахассис барои доруҳои зидди варам (ба беморони саратон);
- бо таъиноти духтури саратоншинос ё хуншинос доруҳои гурӯҳи иммуномодуляторҳо;
- аз ҷониби хуншинос ё саратоншинос (пас аз гузарондани табобати мавҷҳои радиатсионӣ ва табобати кимиёвӣ, аз нав гузоштани мағзи пой);
- аз ҷониби иммунолог (ба беморони вируси норасоии масунияти одам ё шаклҳои дигари вазнини вайронии иммунӣ);
- аз ҷониби трансплантолог (баъди аз нав гузоштани узвҳо ё бофтаҳо);
- аз ҷониби ревматолог ё мутахассисони дигар;
- аз ҷониби фтизиатор доруҳои зидди бемории сил;
- аз ҷониби эндокринолог доруҳои зидди касалиҳои диабети қанд (ба беморони мубталои бемории диабети қанд) ва доруҳои дигар, ки ба низоми эндокринӣ таъсир мерасонанд.

Эзоҳ: Дар ҳолати мавҷуд набудани чунин мутахассисон, дорухат бо қарори комиссияи машваратии табибӣ аз тарафи табиби муолиҷавӣ навишта мешавад.

11. Дар ҳолатҳои ҷудогона, ки ба зарурати пешниҳоди ёрии таъҷилии тиббӣ алоқаманд мебошанд, таъиноти дору ва додани дорухат аз ҷониби табиби муолиҷавӣ бе мувофиқа бо комиссияи машваратии табибӣ амалӣ гардида, дар варақаи амбулаторӣ ба қайд гирифта мешавад ва оид ба масъалаи мазкур роҳбари муассиса хабардор карда мешавад.

12. Агар дорухат дар мувофиқа бо комиссияи машваратии табибии муассисаи табобатӣ дода шуда бошад, он бояд бо ду имзо - имзои табиби муоличавӣ ва раиси комиссияи машваратии табибии муассисаи табобатӣ пешниҳод гардида, бо муҳри муассиса бояд тасдиқ карда шавад.

13. Комиссияи машваратии табибӣ аз ҷумлаи кормандон ва мутахассисони муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар шаҳру ноҳияҳо таъсис дода мешавад.

14. Ҷуброни хароҷоти дорухонаҳо марбут ба доруҳои дар дорухат ба беморони имтиёздор қайдгардида аз ҳисоби маблаъҳои сметаи хароҷоти муассисаҳои тиббӣ ва маблаъҳои иловагие, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷудо карда мешаванд, инчунин манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ мегардад.

15. Пардохти арзиши дору аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ дар асоси ҳисобнома-фактураи аз ҷониби дорухонаҳо бо замимаи феҳристи дорухатҳои пешниҳодшуда, ки тибқи онҳо дар давоми се моҳ дору дода шудааст, амалӣ мегардад. Нусхаи ҳисобҳо, дафтарҳо ва дорухатҳо дар дорухона на камтар аз 3 сол нигоҳ дошта мешаванд.

16. Дар ҳолати мавҷуд набудани шартнома байни муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва дорухонаҳо оид ба таъмини дору, дорухонаҳо додани доруи ройгон ва имтиёзнокро амалӣ намегардонанд.

17. Дар ҳолати мавҷуд набудани доруи барои бемор таъиншуда дар дорухона, ба бемор ҳамрадифи доруи таъиншуда дода мешавад. Корманди дорухона метавонад мустақилона доруи ҳамрадифро бар ивази доруи таъиншудаи муваққатан мавҷуднабуда амалӣ намояд, агар фарқияти арзиши доруи таъиншуда ва доруи мавҷуда аз 20 дарсад зиёд набошад.

18. Ивази доруи ҳамрадиф, ки арзиши он нисбат ба доруи таъингардида зиёда аз 20 дарсадро ташкил медиҳад, метавонад танҳо дар мувофиқа бо табибе, ки дорухатро додааст ё комиссияи машваратии табибӣ амалӣ карда шавад.

19. Дар ҳолати мавҷуд набудани имконияти ивази дору бо ҳамрадифаш, маъмурияти дорухона уҳдадор аст, ки дорухатро нигоҳ дошта, вобаста ба дастрасии он дар муҳлати кутоҳтарин чораҳо андешад ва ба бемор дар бораи воридшавии дору дар муддати на зиёда аз 3 рӯз тавассути телефон ё мактуб хабар диҳад.

20. Табобати иловагӣ аз ҳисоби маблаъҳои шахсӣ амалӣ мегардад.

Замимаи 1
ба Тартиб ва шартҳои таъмини
имтиёзноки гурӯҳи шахсон
бо дору ва молҳои тиббӣ

**Гурӯҳи шахсоне, ки ба таври имтиёзнок бо дору ва молҳои тиббӣ таъмин карда мешаванд**

1. Гурӯҳи шахсон мутобиқи мақоми иҷтимоӣ:

- иштирокдорони Ҷанги бузурги ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
- иштирокдорон ва маъюбоне, ки барои ҳимояи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалиётҳои мусаллаҳона (низоъҳо) иштирок намудаанд;
- иштирокдорон ва маъюбони амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди давлатҳои дигар;
- шахсоне, ки бар асари фалокати неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд;
- қаҳрамонони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаҳрамонони Меҳнати сотсиалистӣ ва шахсоне, ки бо се дараҷаи ордени Шараф мукофотонида шудаанд;
- маъюбоне, ки ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ захмӣ шудаанд ё осеб бардоштаанд;
- маъюбон аз даврони кӯдакӣ;
- кӯдакони маъюби то 18-сола;
- кӯдакони то 1-сола;
- маъюбони гурӯҳҳои I ва II дар натиҷаи осеббардории меҳнатӣ, бемориҳои касбӣ ё бемориҳои умумӣ;
- шаҳрвандони 80-сола ва калонтар.

2. Гурӯҳи шахсон аз рӯйи бемориҳои асосӣ:

- беморони гирифтори сактаи шадиди дил (дар ду ҳафтаи аввал);
- беморони мубталои саратон дар марҳилаи хуруҷи он;
- кӯдакони то 5-сола, ки гирифтори дарунравӣ ва бемориҳои шадиди роҳи нафас мебошанд;
- беморони мубталои бемории гемофилия;
- беморони мубталои бемории махав;
- беморони мубталои бемории ҳорӣ;
- беморони мубталои бемории гулӯзиндонак;
- беморони гирифтори бемории сил;
- беморони гирифтори вируси норасоии масунияти одам;
- беморони гирифтори бемории диабети қанд (шакли вобастагӣ аз инсулин).

Ниг. ба Замимаи 2